# ОЗМУНИ ТАҚСИМОТИ ДОВТАЛАБОН БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Озмуни тақсимоти (асосӣ ва такрорӣ)-и довталабон ба муассисаҳои таълимӣ баъд аз коркарди пурраи варақаҳои ҷавобҳои довталабон ва муайян кардани балҳои бадастовардаашон бо воситаҳои муосири технологияҳои иттилотию коммуникатсионӣ, алгоритм ва барномаи компютерии махсус амалӣ мешавад.

## ОЗМУНИ ТАҚСИМОТИ АСОСӢ

Ба озмуни тақсимот танҳо довталабоне роҳ меёбанд, ки вобаста аз навъи ихтисосҳои интихобкардаашон аз ҳамаи субтестҳои дахлдор ва қисм(ҳо)-и дигари зарурӣ (имтиҳонҳои эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус ва имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ, агар ихтисосҳои интихобшуда супоридани чунин имтиҳонҳоро талаб кунанд) холҳои гузариши фанниро соҳиб шуда бошанд.

Бо тафовут аз холҳои гузариши фаннӣ, ки онҳоро пеш аз эълони натиҷаҳо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, бали гузариш пешакӣ муайян карда намешавад ва қимати он барои ҳар комбинатсияи ихтисос танҳо пас аз озмуни тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимӣ маълум мегардад. Масалан, барои комбинатсияи ихтисоси 1790102 – "Педиатрия" аз Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, шакли таҳсил – рӯзона ва намуди таҳсил – ройгон, соли 2019-ум тибқи нақша 55 ҷой ҷудо шуда буд ва шумораи довталабоне, ки ин комбинатсияи ихтисосро интихоб карда, ба озмуни тақсимот роҳ ёфта буданд, 11 437 нафарро ташкил дод. Дар озмуни тақсимот аз ин миқдор довталабон ҳамон 55 нафаре, ки нисбат ба дигарон балҳои баландтар доштанд, аз рӯйи ин комбинатсияи ихтисос гузаронида шуданд ва бали довталаби 55-ум (дар рӯйхат бо тартиби камшавии балҳо), ки ба 433,5690 баробар буд, бали гузариш дар ин комбинатсияи ихтисос эълон карда шуд. Яъне, бали гузариш ин бали умумии аз имтиҳонҳо бадастовардаи ҳамон довталабе аст, ки аз рӯйи комбинатсияи ихтисоси муайян дар ҷойи охирини тибқи нақшаи қабул ҷудогардида гузаронида шудааст.

Дар раванди тақсимоти довталабон аз рӯйи ихтисосҳо ба муассисаҳои таълимӣ ҷиҳатҳои зерин ба назар гирифта мешаванд: **комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкарда ва бартарии онҳо, нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимӣ, балҳои умумии бадастовардаи ҳар як довталаб**.

Вобаста аз навъи ихтисосҳо тақсимоти довталабон аз рӯйи комбинатсияи ихтисосҳои интихобкардаашон дар асоси балҳои умумии зерин анҷом дода мешавад:

– бали умумие, ки аз ҷамъи бали аз қисми A, инчунин бали аз ҳисоби имтиёз ё коэффитсиент (дар сурати доштани чунин имтиёз) бадастовардаи довталаб ҳосил шудааст – барои ихтисосҳое, ки супоридани танҳо қисми A-ро талаб мекунанд;

– бали умумие, ки аз ҷамъи балҳои аз ду субтести аввали қисми A (субтестҳои 1-ум ва 2-юм) ва аз қисми B, инчунин бали аз ҳисоби имтиёз (дар ҳолати доштани чунин имтиёз) бадастовардаи довталаб ҳосил шудааст – барои ихтисосҳое, ки супоридани ду субтести аввали қисми A (субтестҳои 1-ум ва 2-юм), инчунин қисми B-ро талаб мекунанд;

– бали умумие, ки аз ҷамъи балҳои аз қисми Б, инчунин бали аз ҳисоби имтиёз (дар сурати доштани чунин имтиёз) бадастовардаи довталаб ҳосил шудааст – барои ихтисосҳое, ки супоридани танҳо қисми Б-ро талаб мекунанд.

– бали умумие, ки аз ҷамъи балҳои аз ду субтести аввали қисми Б (субтестҳои 1-ум ва 2-юм) ва қисми В, инчунин бали аз ҳисоби имтиёз (дар сурати доштани чунин имтиёз) бадастовардаи довталаб ҳосил шудааст – барои ихтисосҳое, ки супоридани ду субтести аввали қисми Б (субтестҳои 1-ум ва 2-юм), инчунин қисми В-ро талаб мекунанд.

– бали умумие, ки аз ҷамъи балҳои аз қисмҳои А ва Г, инчунин бали аз ҳисоби имтиёз (дар сурати доштани чунин имтиёз) бадастовардаи довталаб ҳосил шудааст – барои ихтисосҳое, ки супоридани қисмҳои А ва Г-ро талаб мекунанд.

| ! | **Бале, ки довталаб аз қисми В (имтиҳонҳои эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус) ё Г (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ) ба даст овардааст, танҳо барои ихтисосҳое ба назар гирифта мешавад, ки супоридани чунин имтиҳонҳоро талаб мекунанд, яъне чунин бал ба ихтисосҳои дигар дахл надорад.**<br>**Инчунин, бали аз қисми Г.1 бадастовардаи довталаб, ки имтиҳони онро дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе супоридааст, барои ихтисосҳои Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва баръакс, бали аз қисми Г.2 соҳибгардидаи довталаб, ки имтиҳони онро дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ супоридааст, барои ихтисосҳои филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ба назар гирифта намешавад.**<br>**Бали аз ду субтести охир (3-юм ва 4-ум)-и қисми А ё аз як субтести охир (3-юм)-и қисми Б бадастовардаи довталаб барои ихтисосҳое, ки супоридани қисми В-ро талаб мекунанд, ба назар гирифта намешавад.** |
|---|---|

**Раванди тақсимоти довталабон қадамҳои зеринро дар бар мегирад:**

**Қадами 1-ум. Тартиб додани рӯйхатҳои довталабон**. Дар доираи гурӯҳҳои ихтисосҳо барои ҳар як комбинатсияи ихтисос рӯйхати довталабони онҳоро интихобкарда, ки ба озмуни тақсимот роҳ ёфтаанд, тартиб дода мешавад. Дар рӯйхатҳо номи довталабон аз рӯйи камшавии балҳои умумияшон ботартиб оварда мешавад.

Азбаски ҳар довталаби ба озмун роҳёфта дар давраи бақайдгирӣ имкони интихоби то 12 комбинатсияи ихтисосҳоро дорад, дар оғози раванди тақсимот як довталаб метавонад дар рӯйхатҳои довталабони якчанд комбинатсияи ихтисосҳо ҳамчун довталаби шартан ба муассисаҳои таълимӣ тақсимотшуда ҷой гирад.

**Қадами 2-юм. Таҳлили рӯйхати довталабон**. Номи ҳар як довталаби шартан тақсимотшуда аз рӯйи комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардаи ӯ санҷида мешавад. Агар номи довталаб ҳамзамон дар якчанд рӯйхат бошад, номи ӯ танҳо дар комбинатсияи ихтисоси бартарии интихобаш баландтар гузошта шуда, аз рӯйхатҳои дигар муваққатан тоза карда мешавад ва ба чунин рӯйхатҳо номи довталабони навбатӣ ворид мегардад. Ин амалро барномаи компютерӣ тибқи алгоритми муайяншуда то анҷоми коркарди пурраи рӯйхатҳои комбинатсияҳои ихтисосҳо такроран иҷро мекунад. Коркарди рӯйхатҳо то даме давом меёбад, ки барномаи компютерӣ ҳамаи довталабони дар озмуни тақсимот иштироккунандаро ба муассисаҳои таълимӣ пурра

тақсимот кунад ё ҷойҳои барои комбинатсияҳои ихтисосҳо ҷудошуда мувофиқи нақшаи қабули муассисаҳо пур шавад. Ҳамин тариқ, агар балҳои соҳибгаштаи довталаб барои якчанд ё ҳадди ақал, як комбинатсияи ихтисосҳои интихобкардааш дар доираи ҷойҳои нақшавии ҷудошуда кифоя бошад, баъд аз анҷоми пурраи раванди тақсимот номи довталаб танҳо дар рӯйхат аз рӯйи як комбинатсияи ихтисос боқӣ мемонад ва агар балҳои бадастовардаи ӯ дар доираи ҷойҳои тибқи нақша ҷудошуда барои ҳеҷ яке аз комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардааш кифоя набошад, тақсимот намешавад, яъне номи ӯ дар ягон рӯйхат боқӣ намемонад.

**Қадами 3-юм. Тартиб додани рӯйхатҳои охирини довталабон**. Дар раванди тақсимот барои ҳар як комбинатсияи ихтисос, вобаста аз муассисаҳои таълимӣ, шакл ва намуди таҳсил, рӯйхатҳои охирини довталабони ба ин муассисаҳо тақсимотшуда тартиб дода мешаванд. Баъдан рӯйхатҳоро, ки маълумоти зарурииро дарбар мегирад, директори Марказ тасдиқ мекунад ва онҳо ба муассисаҳои таълимӣ расман пешниҳод мегарданд.

**Қадами 4-ум. Қабули ҳуҷҷатҳои довталабон дар муассисаҳои таълимӣ**. Комиссияҳои қабули муассисаҳои таълимӣ мувофиқи рӯйхатҳои пешниҳоднамудаи Марказ қабули ҳуҷҷатҳои довталабон, аз ҷумла ба расмият даровардани парвандаҳои шахсӣ ва бастани шартномаҳоро дар асоси қоидаҳои қабул ба роҳ мемонанд. Роҳбарони муассисаҳои таълимӣ оид ба қабули ин довталабон ба курси якум фармоиш ба имзо мерасонанд.

Натиҷаҳои озмуни тақсимот **24-уми июл** эълон мегардад. Дар бораи натиҷаи озмуни тақсимот ба рақами телефони мобилие, ки онро довталаб дар вақти бақайдгирӣ нишон медиҳад, паёмак (SMS) фиристода мешавад ва довталаб аз он дар бораи комёб гардидан ё нагардидан аз рӯйи яке аз комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардааш огоҳ мегардад. Ин паёмаки телефонӣ (SMS) ба довталабон ройгон фиристода мешавад, аммо довталабон метавонанд, ки инчунин аз кабинети инфиродӣ ё бо фиристодани паёмак (SMS)-и дархостии пулакӣ ба рақами махсус, ё бо муроҷиат ба Марказ ва бахшҳои минтақавии он аз натиҷаи тақсимот ба муассисаҳои таълимӣ огаҳӣ ёбанд. Маълумот дар бораи рақами махсус ва қолаби паёмаки (SMS)-и дархостӣ дар сомонаи Марказ нашр карда мешавад. Маълумоти муфассал дар бораи натиҷаи озмуни тақсимот, аз ҷумла бали умумии бадастовардаи довталаб дар доираи ҳар як комбинатсияи ихтисоси интихобкардааш ва бали гузариш дар доираи ҳар як комбинатсия (агар довталаб дар озмун аз рӯйи он(ҳо) комёб нагардида бошад) дар кабинети инфиродии ҳар як довталаб ҷойгир карда мешавад.

!

**Озмуни тақсимоти довталабон аз рӯйи комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардаашон тавассути таҷҳизоти компютерӣ ва таъминоти барномавии махсус бе таъсири омили инсонӣ 24-уми июл ба роҳ монда мешавад. Дар раванди тақсимоти довталаб ин шарт ҳатман эътибори зиёд дорад, ки ӯ дар давраи бақайдгирӣ интихобҳояшро чӣ гуна аз рӯйи бартарияшон нишон додааст, яъне ин амал тибқи бартарии интихобҳои довталаб иҷро мешавад. Бинобар ин, довталаб баъди тақсимот ҳуқуқи иваз кардани бартарии интихобҳояш, яъне тағйир додани ҷойи комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардаашро надорад.**

**!**

**Довталаби ба ягон муассиса тақсимотшуда бояд дар муҳлати муқарраргардида (аз 24-уми июл то 5-уми август) ба муассисаи таълимии дахлдор барои номнависӣ ва қабул ҳозир шавад. Дар сурати бо сабаби узрнок ҳозир шуда натавонистанаш довталаб вазифадор аст, ки то 5-уми август дар ин бора бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунанда ба муассисаи таълимӣ хабар диҳад, вагарна ҷойи худро ин довталаб дар муассисаи таълимӣ аз даст медиҳад ва ҷойи қабулшудаи ӯ дар озмуни тақсимоти такрорӣ пешниҳод мешавад. Инчунин, довталаби мазкур ҳуқуқи иштирокро дар озмуни тақсимоти такрорӣ надорад.**

**Агар тибқи нақшаи қабул таълими ихтисос бо якчанд забон пешбинӣ гардида бошад, муассисаҳои таълимӣ тақсимоти донишҷӯёнро ба гурӯҳҳои академӣ аз рӯйи забони таҳсил бо дарназардошти нақшаи қабул, балҳои аз ИМД бадастовардаи донишҷӯён ва хоҳиши онҳо анҷом медиҳанд. Хоҳиши донишҷӯёне дар навбати аввал ба назар гирифта мешавад, ки аз имтиҳонҳо нисбат ба дигарон балҳои зиёдтар дошта бошанд.**

## ОЗМУНИ ТАҚСИМОТИ ТАКРОРӢ

Барои довталабоне, ки дар озмуни тақсимот (асосӣ) комёб нагардидаанд, аз рӯйи ихтисосҳое, ки тибқи онҳо дар муассисаҳои таълимӣ баъди озмуни тақсимот ҷойҳои холӣ боқӣ мемонанд, озмуни тақсимоти такрорӣ баргузор мешавад. Барои иштирок дар ин озмун довталабон бояд дар нуқтаҳои бақайдгирӣ аз нав сабти ном карда шаванд. Ҳангоми азнавбақайдгирӣ низ онҳо имкон доранд, ки дар доираи танҳо як гурӯҳи ихтисосҳо, аз рӯйи ихтисосҳое, ки дорои ҷойҳои холианд, то 12 комбинатсияи ихтисосҳоро интихоб намоянд.

Довталаби ба озмуни тақсимоти асосӣ роҳнаёфта ё дар асоси натиҷаи ин озмун аз рӯйи яке аз комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардааш ба ягон муассисаи таълимӣ тақсимотшуда ҳуқуқи иштирок карданро дар озмуни тақсимоти такрорӣ надорад.

Барои иштирок дар озмуни тақсимоти такрорӣ довталаб бояд дар яке аз нуқтаҳои бақайдгирӣ (**аз 10-ум то 13-уми август)** бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зерин аз нав ба қайд гирифта шавад**:**

1) шиносномаи миллӣ ё маълумотнома бо муҳру сурат аз ШВКД ва нусхаи он – барои шахсоне, ки синнашон ба 16 расидааст (барои шахсони то 16-сола – шаҳодатномаи таваллуд, маълумотнома бо муҳру сурат аз ҷойи зист ва нусхаи онҳо);
2) варақаи бақайдгирии давраи асосӣ ё иловагии бақайдгирӣ;
3) расид аз яке аз филиалҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" дар бораи пардохти **маблағи иловагӣ**.

Натиҷаҳои озмуни тақсимоти такрорӣ **17-уми август** эълон мегардад.

Довталаби дар озмуни тақсимоти такрорӣ комёбшуда бояд дар муҳлати муқарраргардида (**аз 17-ум то 22-юми август)** ба муассисаи таълимии дахлдор бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳозир шавад.